МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Китобчаи ТЕСТ 2024

**Қисми А.3**

**Варианти 1**

- Забони тоҷикӣ
- Таърих
- Адабиёти тоҷик
- Забони хориҷӣ

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ**. Субтестҳои **забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ** 25 саволу масъалаи пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва субтести **таърих** 26 саволу масъала (24-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат ва 2-то кушода)-ро дар бар мегиранд.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

> **!** *Масалан, агар Шумо варианти "B"-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*
>
> **A B C D**
> ○ ● ○ ○

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

> **!** *Масалан, агар ба унсури "A", ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури "B" рақами 4, ба унсури "C" рақами 1 ва ба унсури "D" рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **A** | ○ | ● | ○ | ○ | ○ |
| **B** | ○ | ○ | ○ | ● | ○ |
| **C** | ● | ○ | ○ | ○ | ○ |
| **D** | ○ | ○ | ○ | ○ | ● |

Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д.

> **!** *Масалан, агар Шумо соли **1917**-ро ҷавоби дуруст ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо ин тавр нависед:* 1 9 1 7

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

> **!** Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи ***«Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам»*-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

> **!** Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:
> - гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;
> - иваз кардани ҷойҳо ва (ё) китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;
> - гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;
> - аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва (ё) маводи дигари барои баргузории имтиҳон пешбинишуда.
>
> Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд.

### ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навишташуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

> **!** Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад.

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Дар кадом калима яке аз овозҳо равшан талаффуз намешавад?**

***Дорам он сар, ки сар андар сари кори ту кунам,***
***Бо мани дилшуда ҳарчанд саре нест туро.*** Камоли Хуҷандӣ

**A)** сар
**B)** дорам
**C)** ҳарчанд
**D)** дилшуда

**2** **Дар иборaҳои додашуда кадом калима бо ҳарфи *у* навишта мешавад, на бо *ӯ*?**

**A)** хомӯшии бардавом
**B)** бачагони кӯчагард
**C)** кӯҳҳои сарбафалак
**D)** мӯъҷизаи табиат

**3** **Дар байти зерин дар калимаҳои *<u>ростӣ</u>* ҳарфи *ӣ* чӣ вазифа дорад?**

***Ҳама <u>ростӣ</u> кун, ки аз <u>ростӣ</u>,***
***Набояд ба кор андарун костӣ.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** пасванди сифатсоз
**B)** пасванди исмсоз
**C)** бандаки феълӣ
**D)** бандаки хабарӣ

**4** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ҳаммаънои калимаи *аспбон*ро гузоред:**

***... дар ҳавлии берун назди тавила ду аспро қашав мекард.*** С. Улуғзода

**A)** Саис
**B)** Сайёд
**C)** Посбон
**D)** Галабон

**5** **Ибораро бо зидмаънои калимаҳои *наҷиб, шариф* пурра кунед: *одами ...***

**A)** заиф
**B)** бешарм
**C)** бефаҳм
**D)** бадасл

**6** **Таъбири "*офтоби касе баромадан*" чӣ маъно дорад?**

**A)** кори касе омад кардан
**B)** хонаи касеро гарм кардан
**C)** ҳақиқатро ошкор кардан
**D)** хурсандиро интизор шудан

**7** **Ба ҷойи нуқтаҳо ибораи фразеологии мувофиқ гузошта, ҷумларо пурра намоед:**

***Мо аз ҳамин қадар роҳ хороҷот ва ташвиш кашида омада, магар ... холӣ бармегардем?*** С. Айнӣ

**A)** бо дасти кӯтоҳ

**B)** бо ду дасти адаб

**C)** ду даст дар бинӣ

**D)** бо дасту дили шуста

**8** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***... Регзор заррин буду дарё нилгун. Зарраҳои реги рахшон, бо нурҳои офтоб даромехта, атрофро нуристон мекарданд. Дарёи бекарон дар дуриҳои дур гӯё бо самои ҳамранги хеш меомехт ва ҳошияи уфуқро, ки дар самти муқобил аён ба чашм мерасид, барҳам мезад.*** Н. Қосим

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

**9** **Исмҳои маъниро нишон диҳед:**

**A)** сӯзанӣ, равшанӣ

**B)** санглох, пӯстлох

**C)** меъморӣ, наққошӣ

**D)** шохсор, чашмасор

**10** **Ҷонишинҳои таъинӣ:**

**A)** ин навъ, он қадар

**B)** ҳар кас, тамоми

**C)** чаро, чӣ тавр

**D)** онҳо, онон

**11** **Ба ҷойи сенуқта *сифати сохтаи* мувофиқро гузоред:**

***Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми ... доим бесуд бошад, чун муғелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайраро.*** Унсурулмаолии Кайковус

**A)** беҳунар

**B)** боҳунар

**C)** ҳунарманд

**D)** ҳунарвар

**12** **Ба ҷои сенуқта *шумораи миқдори*ро гузоред:**

***Ҷузҷонӣ умри ӯро (Абуали Синоро) ... сол нишон медиҳад.*** Р. Ҳошим

**A)** панҷоҳум

**B)** панҷоҳу се

**C)** панҷоҳ-шаст

**D)** шастумин

**13** **Дар байти зерин феълҳои ишорашуда дар кадом замон ифода ёфтаанд?**

***Гар ба онҳо дил диҳӣ, ҷон <u>медиҳанд,</u>***
***Ҷон ба роҳи аҳду паймон <u>медиҳанд.</u>*** М. Турсунзода

**A)** замони ҳозираи давомдор

**B)** замони ояндаи эҳтимолӣ

**C)** замони гузаштаи ҳикоягӣ

**D)** замони ҳозира-оянда

**14** **Ба ҷойи сенуқта нидои мувофиқро гузоред:**

***- ..., - гуфт ӯ худ ба худ, - дар сағирхона бачаро дар як хона ҳабс карда мемондаанд-дия.*** С. Айнӣ

**A)** Ҷим

**B)** Вой

**C)** Аҷаб

**D)** Бай-бай

**15** **Ибораи *як ҳафта пас хабар гирифтан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ

**B)** алоқаи ҳамроҳӣ

**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ

**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**16** **Ҷумлаи хуллас ба кадом гурӯҳи ҷумлаҳо дохил мешавад?**

**A)** ҷумлаи унвонӣ

**B)** содаи яктаркиба

**C)** содаи дутаркиба

**D)** ҷумлаи мураккаб

**17** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Мӯйсафед аз ҷояш нахест, чизе нагуфт, хомӯш нишаст.*** Аз “Садои Шарқ”

**A)** ҳол

**B)** хабар

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

**18** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Онҳо ба ҳамин тарз ... ба истгоҳи автобус расиданд.*** П. Толис

**A)** тасдиққунон

**B)** гуфтугӯкунон

**C)** ғиҷирросзанон

**D)** мурочиаткунон

**19** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** - Э, афсус! Одами калон шуда рафта буд-а? С. Турсун

**B)** Тифл мондам аз ту, модар, рӯйи ту дар ёд нест, ... М. Турсунзода

**C)** Ҳатман, зимистони имсола чандон хунук намешавад. С Айнӣ

**D)** Ватанам, диёрам, ёру дӯстони ба ҷон баробарам – ҳамаи инҳо ба назари ман гӯё дар сурати ту намоён мешуданд. С. Шоҳонӣ

**20** **Кадом сухан дар бораи Абдурраҳмони Ҷомист?**

**A)** абулахлоқ, паёмбари ғазал, муаллифи “Гулистон”

**B)** шоир, ҳаким ва сӯфии бузург, муаллифи “Ҳадиқа”

**C)** шоир, нависанда ва олими барҷаста, муаллифи “Ҳафт авранг”

**D)** нависанда ва адабиётшиноси маъруф, муаллифи “Лубоб-ул-албоб”

**21** **Ба ҷойи сенуқта ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** На ... чашму гӯшу даҳон дорад, одамист,
Бас деврo, ки сурати фарзанди Одам аст. Саъдии Шерозӣ

**B)** Онҳоро эҳтиёҷот бо ... “дӯст” гардондааст. Аз “Китоби дарсӣ”

**C)** Ин ҳама бегонагӣ бо ошноён бас набуд,
К-ошнои ... кардӣ мардуми бегонаро. Бадриддини Ҳилолӣ

**D)** Инҳо ... корро ба худ касб карда буданд. Садриддин Айнӣ

**1)** хеш
**2)** ҳамин
**3)** онон
**4)** ҳар ки
**5)** ҳамдигар

**22** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

**A)** Ман бибиамро ... ёд кардам.

**B)** Одамон ... ба ҳар тараф пароканда шуданд.

**C)** Хонанда аз ҷавоби худ ... хурсанд буд.

**D)** Ҳавопаймо роҳи моро ... наздик гардонд.

**1)** дучанд
**2)** бисёр
**3)** ду-ду
**4)** як дараҷа
**5)** бағоят

**23** **Сохтори иборaҳоро муайян намоед:**

**A)** барвақт омадан

**B)** обҳои шаффоф

**C)** тозон рафтан

**D)** ҳар кадоми мо

**1)** исм + сифат
**2)** исм + зарф
**3)** зарф + масдар
**4)** ҷонишин + ҷонишин
**5)** феъли ҳол + масдар

**24** **Таҳлили синтаксисии ҷумла. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Дар баҳорон дарахтон гул карда ба кӯчаҳо шукӯҳ мебахшанд.*** К. Мирзоев

**A)** ба кӯчаҳо

**B)** дарахтон

**C)** дар баҳорон

**D)** шукӯҳ мебахшанд

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**25** Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:

A) Ту, к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.
Саъдии Шерозӣ

B) Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
Зоҳиру ботини худ яксон кун.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

C) Заҳмати худро зи мардум дур дор,
Бори худ бар кас маяфкан, зинҳор.
Аттори Нишопурӣ

D) Кам гӯю ба ҷуз маслиҳати хеш магӯ,
Чизе, ки напурсанд, ту худ беш магӯ.
Афзалуддини Кошонӣ

1) Накукор бош ва сурату сирататро якранг намо.

2) Сухан андак бояд гуфт, суол накунанд, посух набояд дод.

3) Баҳри мардум заҳмат бикаш, то дӯстат доранд.

4) Бепарвоӣ аз дарду ранҷи дигарон нишони инсоният нест.

5) Ба мардум ранҷу заҳмат марасон ва корҳоятро ба дигарон вомагузор.

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Кадом ёдгорӣ дар водии Зарафшон ҷойгир аст?**

**A)** Саразм

**B)** Саксанохур

**C)** Аҷинатеппа

**D)** Ҳулбук

**2** **Унвони ҳокими Истаравшани тоисломӣ.**

**A)** афшин

**B)** шоҳ

**C)** кай

**D)** марзбон

**3** **Кадом ҳаракат ба муқобили истилогарони араб равона шуда буд?**

**A)** Ҷадидия

**B)** Сурхаламон

**C)** Маздакия

**D)** Сарбадорон

**4** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома” Ҳушанг асосгузори кадом ҷашн аст?**

**A)** Наврӯз

**B)** Тиргон

**C)** Меҳргон

**D)** Сада

**5** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ БАЪДТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Сомониён

**B)** Тоҳириён

**C)** Ғазнавиён

**D)** Саффориён

**6** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад: *“Сарвари давлат ... буданд, ки унвони амирро доштанд. Дастгоҳи марказии давлат дар асл аз ду идора – даргоҳ (дарбори амир) ва девонҳо (сохторҳои мулкӣ ва низомӣ) иборат буд”*?**

**A)** Сомониён

**B)** Салҷуқиён

**C)** Қарахониён

**D)** Ашкониён

**7** **Дар харита ҳудуди кадом давлат тасвир шудааст?**




**A)** Тоҳириён
**B)** Саффориён
**C)** Ғуриён
**D)** Сомониён

**8** **Шӯриши соли 1212 дар Самарқанд ба муқобили кӣ сар зад?**

**A)** Чингизхон
**B)** Садрҳои Бухоро
**C)** Султон Санҷар
**D)** Муҳаммади Хоразмшоҳ

**9** ***Атолиқ* чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** воҳиди маъмурӣ
**C)** воҳиди ченак
**D)** мансаби давлатӣ

**10** **Воқеа кадом сол ба амал омада буд: *“Ҳукумати амирии Бухоро қудрати бо қувваи худ бартараф намудани хунрезии мазҳабии байни бухориён ва эрониёнро надошт. Бинобар ин ба шаҳр як дастаи аскарони рус бо сарварии генерал Лилиентал дохил шуда, ба хунрезӣ хотима доданд”*?**

**A)** 1905
**B)** 1910
**C)** 1917
**D)** 1898

**11** **Ташкили ТОЗ-ҳо ба давраи амалӣ намудани кадом сиёсат хос буд?**

**A)** бозсозӣ
**B)** саноатикунонӣ
**C)** коллективонӣ
**D)** коммунизми ҳарбӣ

**12** **Солҳои мавҷудияти Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразмро муайян кунед.**

**A)** 1920-1924

**B)** 1917-1991

**C)** 1929-1991

**D)** 1918-1924

**13** **Сухан дар бораи кадом воқеа меравад: “*Субҳи 22-юми июни соли 1941 Олмони фашистӣ бо қувваи зиёди ҳарбӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ ҳуҷум кард. Дар ҳайати ин лашкар қӯшунҳои Венгрия, Италия, Руминия ва Финландия ҳам буданд*”?**

**A)** Ҷанги Қрим

**B)** ҷанги байни ИҶШС ва Финландия

**C)** Ҷанги дуюми ҷаҳон

**D)** Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**14** **Ин воқеа чӣ пайомад дошт: “*Дар Беловежск сарварони Русия Б. Н. Елтсин, Белорус С. С. Шушкевич ва Украина Л. М. Кравчук ҷамъ омада, дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил созишнома имзо карданд*”?**

**A)** Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон таъсис ёфт.

**B)** ИҶШС ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ аз байн рафт.

**C)** Эъломия дар бораи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон қабул шуд.

**D)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

**15** **Ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мукофотонида мешаванд ...**

**A)** ҳарбиёне, ки шуҷоату мардонагӣ дар ҳифзи марзу буми ватан нишон медиҳанд.

**B)** олимоне, ки дастовардҳои наззарас дар соҳаи илму техника доранд.

**C)** танҳо олимони ҷавон, ки дар соҳаи илму техника навоварӣ мекунанд.

**D)** олимоне, ки дастовардҳои назаррас дар соҳаи адабиёт, санъат ва меъморӣ доранд.

**16** **Дар ҷадвал кадом тақвим тасвир ёфтааст?**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | ***Муш*** | 1936 | 1948 | 1960 | 1972 | 1984 | 1996 | 2008 | 2020 |
| **2** | ***Бақар*** | 1937 | 1949 | 1961 | 1973 | 1985 | 1997 | 2009 | 2021 |
| **3** | ***Паланг*** | 1938 | 1950 | 1962 | 1974 | 1986 | 1998 | 2010 | 2022 |
| **4** | ***Харгӯш*** | 1939 | 1951 | 1963 | 1975 | 1987 | 1999 | 2011 | 2023 |
| **5** | ***Наҳанг*** | 1940 | 1952 | 1964 | 1976 | 1988 | 2000 | 2012 | 2024 |
| **6** | ***Мор*** | 1941 | 1953 | 1965 | 1977 | 1989 | 2001 | 2013 | 2025 |
| **7** | ***Асп*** | 1942 | 1954 | 1966 | 1978 | 1990 | 2002 | 2014 | 2026 |
| **8** | ***Гӯсфанд*** | 1943 | 1955 | 1967 | 1979 | 1991 | 2003 | 2015 | 2027 |
| **9** | ***Ҳамдуна*** | 1944 | 1956 | 1968 | 1980 | 1992 | 2004 | 2016 | 2028 |
| **10** | ***Мург*** | 1945 | 1957 | 1969 | 1981 | 1993 | 2005 | 2017 | 2029 |
| **11** | ***Саг*** | 1946 | 1958 | 1970 | 1982 | 1994 | 2006 | 2018 | 2030 |
| **12** | ***Хук*** | 1947 | 1959 | 1971 | 1983 | 1995 | 2007 | 2019 | 2031 |

**A)** мулчар

**B)** юлианӣ

**C)** зардуштӣ

**D)** григорианӣ

**17** **Табадуллоти 9-уми термидор дар кадом давлат рӯй дода буд?**

A) Испания

B) Олмон

C) Англия

D) Фаронса

**18** **Сун Ят-сен ходими давлатии кадом кишвар буд?**

A) Ҷопон

B) Камбоҷа

C) Чин

D) Ветнам

**19** **Мақсади асосии ҳаркати “сабзҳо” дар шароити муосир аз чӣ иборат аст?**

A) аз байн бурдани қафомонии иқтисодии “ҷаҳони сеюм”

B) паст кардани шиддати муносибатҳо байни Шарқу Ғарб

C) паҳн кардани арзишҳои демократияи Ғарб дар ҷаҳон

D) аз байн бурдани хатарҳои экологӣ ва ҳифзи муҳити зист

**20** **Сухан дар бораи кадом воқеа меравад:** ***“Н. С. Хрушёв, Ҷ. Кеннеди, Ф. Кастро ва тамоми инсоният якумин бор худро дар “як қаиқ”, ки дар маркази гирдоби атомӣ қарор дошт, эҳсос карданд”*****?**

A) сохтмони “Девори Берлин”

B) “Буҳрони Кариб”

C) ташкили “пули ҳавоӣ”

D) “Буҳрони Берлин”

**21** **Мувофиқатро муайян намоед:**

A) ушр

B) хушатра (сатрапия)

C) арбоб

D) валиаҳд

1) воҳиди ченак

2) сардори деҳа

3) воҳиди маъмурӣ

4) вориси тахт

5) намуди андоз

**22** **Мувофиқати муаллиф ва асарро муайян намоед:**

A) Дилшоди Барно

B) Абунасри Утбӣ

C) Низомиддини Шомӣ

D) Хондамир

1) “Зафарнома”

2) “Ҳабиб-ус-сияр”

3) “Таърихи Яминӣ”

4) “Наводир-ул-вақоеъ”

5) “Таърихи муҳоҷирон”

**23** **Мувофиқати сол ва воқеаро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** 1868 | **1)** муҳорибаи Зирабулоқ |
| **B)** 1501 | **2)** “Эъзомияи Искандаркӯл” |
| **C)** 1870 | **3)** ҳалли “Масъалаи Помир” |
| **D)** 1895 | **4)** таъсиси Хонии Қӯқанд |
| | **5)** ба сари қудрат омадани Шайбониён |

**24** **Мувофиқат шахс ва вазифаро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Маҳатма Карамчанд Ганди | **1)** сарвазири Британияи Кабир |
| **B)** Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ | **2)** канслери федералии Олмон |
| **C)** Дэвид Ллойд Ҷорҷ | **3)** пешвои Лигаи мусулмонони Покистон |
| **D)** Владимир Илич Ленин | **4)** асосгузори Давлати Шуравӣ |
| | **5)** пешвои Конгресси миллии Ҳиндустон |

**25** ***“Шоҳмурод аз унвони хон даст кашида, худро ... эълон кард. Ин чунин маъно дошт, ки вай ҳокими танҳо як пораи давлати мусалмонӣ мебошад”.***




**Мансабе, ки дар матн сухан дар борааш меравад, дар ҷадвал бо кадом рақам ишора шудааст?**

**26** **Истилоҳоти аҳди давлати Ҳинди Қадимро муайян намоед.**

**1.** махараҷа
**2.** каста
**3.** самурай
**4.** браҳманҳо
**5.** сёгун

**Дар ҷадвал 3 рақами ҷавоби дурустро мувофиқи пайдарҳамӣ нависед.**

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Дар кадом жанри адабиёти шифоҳӣ ҳангоми сифат кардан ё васфи ягон чиз номи он пинҳон дошта мешавад?**

**A)** суруд
**B)** мақол
**C)** рубоӣ
**D)** чистон

**2** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Сарчашмаи боғи булбон аст ватанам,***
***Хушбоду ҳавою бӯстон аст ватанам.***
***Як бор агар бод барад бар ватанам,***
***Дил пора кунам, ёди ғарибӣ накунам.***

**A)** Ин рубоӣ дар бораи шукуфоӣ ва зебоии боғу бӯстон дар фасли баҳор аст.
**B)** Муаллиф дар боғ будааст, ки шамол шудаасту дарахтҳо шикастаанд.
**C)** Ёди пурмеҳри зодгоҳу сарзамин бо ҳасрату пушаймонӣ баён шудааст.
**D)** Гӯянда бовар дорад, ки ҳарчанд меҳан хуб аст, аммо мусофирӣ беҳтар аст

**3** **Зуҳури адабиёти тоҷик дар қолаби забони арабӣ хоси кадом давраи адабиёт аст?**

**A)** охири асри X
**B)** аввали асри XV
**C)** асрҳои VIII ва IX
**D)** асрҳои XII ва XIII

**4** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**5** **Кадом сухан ба санъати бадеии “саҷъ” дахл дорад?**

**A)** калимаҳои ҳаммаънӣ дар як байт
**B)** калимаҳои ҳамшаклу гуногунмаънӣ
**C)** калимаҳои ҳамвазну ҳамқофия дар наср
**D)** калимаҳои такроршаванда дар як ҷумла

**6** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Абр ҳаме гиряд чун ошиқон,***
***Боғ ҳаме хандад маъшуқвор.***
***Раъд ҳаме нолад монанди ман***
***Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор.*** Шаҳиди Балхӣ

**A)** талмеҳ
**B)** тазмин
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**7** **Кадом бахши “Шоҳнома”-и Фирдавсиро “давраи асотирӣ” мегӯянд?**

**A)** аз қиёми Кова то марги Рустам
**B)** аз шикасту марги Дорои Каёнӣ то охир
**C)** аз подшоҳии Каюмарс то подшоҳии Фаридун
**D)** аз подшоҳии Хусрави Парвиз то марги Яздгирд

**8** **Мувофиқи таълимоти Зардушт Аҳурамаздо**

**A)** нахустин шоҳи силсилаи Пешдодиён аст, ки додгар буд.
**B)** фариштаи обҳои равон ва заминҳои корам, ёвари кишоварзон аст.
**C)** ду менуи ҳамзод ва оғозини офаринишанд, ки бо ҳам созиш надоранд.
**D)** офаридгори ягона ва роҳнамои офаридагон ба растагорӣ ва беҳрӯзист.

**9** **Дар байт калимаи “разолат” чӣ маънӣ дорад?**

***Ӯ разолат карда бошад, мо қаноат мекунем,***
***Бигзарад ин соли қаҳту монад он рӯйи сиёҳ.*** Абдурраҳмони Мушфиқӣ

**A)** пастӣ, нокасӣ
**B)** саховат, некӣ
**C)** дурӣ, ҷудоӣ
**D)** дӯстӣ, бародарӣ

**10** **Вобаста ба байти зерини Абуҳафси Суғдӣ кадом сухан дуруст аст?**

***Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,***
***Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?!***

**A)** Алаф хӯрдан ва давидани оҳу дар саҳро тасвир шудааст.
**B)** Шоир аз дидани оҳуи кӯҳӣ дар дашт ифтихор кардааст.
**C)** Ҳолати сахти дурӣ аз ёрро барҷаста бозтоб додааст.
**D)** Шоир зебоии ёрашро ба оҳуи кӯҳӣ монанд кардааст.

**11** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Бидон, эй писар, ки аз муҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст худро ҳурмат доштан ва тафаққуд кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**12** **Кадом шарҳ ба байти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мувофиқ аст?**

***Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвишт,***
***Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.***

**A)** Рӯдакӣ ба Абулфазли Балъамии вазир ишора карда, шуҳратёр будани ӯро дар тамоми Хуросон таъкид мекунад.
**B)** Манзури Рӯдакӣ Дақиқӣ аст, ки бо асари “Гуштоспнома”-аш дар Ироқу Хуросон машҳур ва маъруф шуда буд.
**C)** Рӯдакӣ худро дар назар дорад ва аз шуҳрату овозаи даврони ҷавониаш бо ифтихор сухан мегӯяд.
**D)** Шоир аз шуҳрату овозаи Абуиброҳими Мунтасир сухан ронда, ба табъи шоирӣ доштани ӯ ишора мекунад.

**13** **Мавзуи байт чист?**

***Якеро, ки маъзул кардӣ зи ҷоҳ,***
***Чу чанде бараояд, бибахшаш гуноҳ!***
***Баровардани коми уммедвор***
***Беҳ аз қайди банде шикастан ҳазор.*** Саъдии Шерозӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ

**B)** ҷавонмардӣ ва авфи хато

**C)** муҳаббат ва дӯстӣ

**D)** хоксорӣ ва қаноат

**14** **Гуштосп бар ивази тоҷу тахт ба Исфандиёр чӣ шарт гузошта буд?**

***Супорам туро ганҷу тахту кулоҳ,***
***Нишонам-т бо оҷ дар пешгоҳ ... .***
***Агар тахт хоҳӣ ҳаме бо кулоҳ,***
***Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** гирифтани кини бобояш Луҳросп аз Арҷосп

**B)** рафтан ба ҷанги Рустам ва ба банд овардани ӯ

**C)** раҳонидани хоҳарони Гуштосп аз банди Арҷосп

**D)** фиристодани Башутан ва Баҳман ба ҷанги Рустам

**15** **Идомаи мантиқии мисраи Ҷалолиддини Балхиро муайян кунед:**

***Тавофи каъбаи дил кун, агар диле дорӣ,***
**...................................................................**

**A)** Ки то ба воситаи он диле ба даст орӣ.

**B)** Қабули Ҳақ нашавад, гар диле биёзорӣ.

**C)** Агар ба ҳар сари мӯе дусад забон дорӣ.

**D)** Дил аст каъбаи маънӣ, ту гил чӣ пиндорӣ!

**16** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Кӯдаке мегашт бо қуттии худ,***
***Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.***
***Метавонистӣ, ки дар чашмони ӯ***
***Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Садриддин Айнӣ

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**17** **Нақибхони Туғрал дар як ғазали худ мақоми кадом адиби гузаштаро “аз фалак баланд” дониста, “касеро дар ҷаҳон ҳамто”-и ӯ надидааст?**

**A)** Саъдии Шерозӣ

**B)** Абдулқодири Бедил

**C)** Шамсиддини Шоҳин

**D)** Камоли Хуҷандӣ

**18** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Мавзуи асосии асар маънавиёти инсон, ҳолатҳои рӯҳӣ ва андешаҳои одамони аз нигоҳи ахлоқ мухталиф мебошад. Симоҳои асосии асар Рустам, Ҷамила, Парвона ва Калтаи Мансур ба шумор мераванд. Воқеа дар деҳаи дурдасти Гулоб ҷараён меёбад.***

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**B)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**C)** “Дарди ишқ”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**D)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ

**19** **Шарҳи дурусти байти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро интихоб кунед:**

***Ҷаҳони санъатам, дар баҳри маънӣ гавҳарэҷодам,***
***Вале ҳамчун садаф, Ҳоҷӣ, надонам худситоиро.***

**A)** Дар олами санъаткорӣ мисли садаф медурахшам ва пур аз гавҳари ҳунар ҳастам.

**B)** Ҳарчанд истеъдоду ҳунар дорам, аммо ситоиши худро лоиқ намедонам.

**C)** Мехоҳам, ки бемислу монанд будани маро дар шоирӣ дигарон ситоиш кунанд.

**D)** Дар олами шоирӣ мисли садафе ҳастам, ки ҳеч кас қадру қиматашро намедонад.

**20** **Шарҳи муносиби байти Тошхоҷа Асириро интихоб кунед:**

***Одамият чист? – Худро дур аз шар доштан,***
***Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.***

**A)** Инсони воқеӣ худро аз шару шӯри даврони ҷавонӣ дар канор нигоҳ медорад ва ба кори дигарон дахл намекунад.

**B)** Инсон будан хубии дигаронро хостан, ба онҳо некӣ кардан ва ба кори бад наздик нашудан аст.

**C)** Фарде, ки дар маросимҳои шодию ғами мардум ҳамдилу шарик мешавад, инсони бузургу воқеист.

**D)** Инсони хуб ба суди корҳояш фикр мекунад ва беҳуда ба ҳеч кас ёрию манфиат намерасонад.

**21** **Жанри асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Баҳория”-и Фаррухии Систонӣ | **1)** қасида |
| **B)** “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ | **2)** ҳикоя |
| **C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **3)** тазкира |
| **D)** “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфӣ | **4)** достон |
| | **5)** ёддошт |

**22** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Адиби ҳаҷвнавис ва мутоибагӯ буда, асари “Мушу гурба” ба ӯ тааллуқ дорад. | **1)** Камоли Хуҷандӣ |
| **B)** Дар деҳаи Фарюмад ба дунё омадааст ва бештар дар жанри қитъа шеър гуфтааст. | **2)** Убайди Зоконӣ |
| **C)** Ӯ аз табақаи ҳунармандони ҷомеа буда, дар асари худ 212 нафар намояндаи касбу ҳунарҳои гуногунро ба таври ҳазломез васф кардааст. | **3)** Саййидои Насафӣ |
| **D)** Дар бораи ӯ Ҷомӣ гуфтааст: “Вай дар латофати сухан ва диққати маънӣ ба мартабаест, ки беш аз он мутасаввир нест” | **4)** Ибни Ямин |
| | **5)** Носири Хусрав |

**23** **Муайян кунед, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Аз гуфтани мадҳ дил бимирад,
Шеър арчи тару фасеҳ бошад.

**B)** Ҳар кас ба зулм кардан омӯхта шуд,
Аз новаки мазлум дилаш дӯхта шуд.

**C)** Чандин тамаъу ҳирс дар обу гили ту,
В-охир ба дили хоки сияҳ манзили ту.

**D)** Нони ҷаву оби чаҳу кунҷе холӣ,
Ё раб, ки чи зиндагонии хуш дорем.

**1)** Зиёдахоҳию чашмгуруснагӣ ба инсон манфиате надорад.

**2)** Қаноат ва ризо сарчашмаи осудагӣ ва оромиши хотир аст.

**3)** Гуфтани ашъори ситоишӣ истеъдоди шоирро мекушад.

**4)** Касе, ки ба ситам кардан одат мекунад, амон нахоҳад ёфт.

**5)** Инсони воқеӣ хайрхоҳу заҳматкашу хоксор мешавад.

**24** **Мавзуи шеърҳои Абулқосим Лоҳутиро муайян кунед:**

**A)** “Шамъу парвона”

**B)** “Ё ҳар ду”

**C)** “Шарқ”

**D)** “Кремл”

**1)** танқиди сиёсати мустамликадорӣ

**2)** накӯҳиши даврони гузашта ва ситоиши ҳаёти нав

**3)** тасвири ватандорони мубориз ва ишқи онҳо ба ватан ба таври рамзӣ

**4)** танқиди одамони коргурез ва танбал

**5)** сабабҳои харобии кишвар ва манфиатҷӯиҳои вакилону вазирони давр

**25** **Сухан дар бораи кадом симои романи “Шӯроб”-и Раҳим Ҷалил меравад:**

**A)** Марди тақрибан шастсола, миёнақад, ҷисман ғафсу ботинан пуч аст. Ӯ типи роҳбарони муфтхӯру бадахлоқ, бевиҷдону фиребгар аст.

**B)** Дар образи ӯ беҳтарин хислатҳои мардони заҳматкаши тоҷик тасвир шудааст. Меҳнатдӯстӣ ва хушзеҳниаш ҳанӯз аз давраи кӯдакияш аён мегардад.

**C)** Муносибату муомилаи ӯ ба оилаи осиёбони бадахшонӣ ва кормандони кон, оҳу афсӯсаш аз вафоти бемаҳали яке аз беҳтарин ҳамкоронаш ӯро ҳамчун инсони комил ва хайрхоҳ нишон медиҳад.

**D)** Симои аз ҳама намоён ва хотирмон аст. Ӯ аввал чун шахси майзада ва бесару сомон тасвир ёфтааст, вале оҳиста-оҳиста хислати ӯ тағйир меёбад ва ҳамчун муаллими коргарони ҷавон шуҳрат меёбад.

**1)** Пётр

**2)** Александров

**3)** Идрисенко

**4)** Хол

**5)** Давлат

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

## ENGLISH LANGUAGE

**Read the text and choose the right answer 1-8.**

**US School Buses**

In the past, many children walked or used horses to go to school. Later, red, white, and blue buses took children to support patriotism.

In 1939, a professor at Columbia University met with teachers, engineers, and other experts. They wrote a document of 42 pages that was about school buses. Experts recommended to make the school buses yellow, because black letters on yellow can be seen easily. Also, yellow buses were more visible in bad weather.

The yellow color got its own name, and although no law says that school buses must be yellow, almost 499, 000 school US buses are yellow.

**1** **In the past, children in the US walked or used … to go to school.**

**A)** buses
**B)** taxi
**C)** horses
**D)** cars

**2** **To support patriotism, school buses began to paint with colors of American …**

**A)** flag
**B)** arms
**C)** letters
**D)** document

**3** **In …, at Colombian university, the meeting devoted to school buses was taken place.**

**A)** nineteen three and nine
**B)** ninety thirty-nine
**C)** nineteen thirty-nine
**D)** thirteen thirty-nine

**4** **A document of 42 pages about school buses was written by a group of …**

**A)** engineers
**B)** specialists
**C)** teachers
**D)** professors

**5** **US experts … yellow color for school buses.**

**A)** refused
**B)** ordered
**C)** offered
**D)** painted

**6** **Experts decided that yellow buses were more visible …**

**A)** in bad weather
**B)** in busy streets
**C)** in traffic jam
**D)** on black letters

**7** **In the USA, nearly (a) … school buses are yellow.**

A) thousand
B) half a thousand
C) half a million
D) million

**8** **The story is about the … yellow school buses.**

A) shape of
B) weight of
C) colour for
D) reasons for

**Read the text and choose the right answer 9-16.**

**NASA Going to Moon**

NASA selected three companies to help __**9**__ get back to the moon.

The companies, Astrobotic, Intuitive Machines and Orbit Beyond, will provide lunar landing services __**10**__ will deliver science and research cargo to __**11**__ moon as part of a program called Artemis.

NASA aims to return astronauts to the moon __**12**__ 2024, and the agency sees __**13**__ commercial landers __**14**__ the first step toward that. If everything goes according to plan, the space agency hopes __**15**__ a sustained human presence __**16**__ the moon by 2028.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **9** | **A)** it´s | **B)** it | **C)** itself | **D)** its |
| **10** | **A)** whom | **B)** whose | **C)** who | **D)** which |
| **11** | **A)** the | **B)** a | **C)** an | **D)** - |
| **12** | **A)** since | **B)** by | **C)** between | **D)** through |
| **13** | **A)** this | **B)** those | **C)** that | **D)** these |
| **14** | **A)** as to | **B)** so as | **C)** so | **D)** as |
| **15** | **A)** have | **B)** had | **C)** has | **D)** to have |
| **16** | **A)** off | **B)** at | **C)** on | **D)** in |

**17** **Having found a hotel, we looked for somewhere … dinner.**

A) to have
B) having
C) have
D) had

**18** **Please remember to lock the door when you go …**

A) in
B) out
C) on
D) of

**19** **… people learn to swim when they are children.**

A) Most
B) Much
C) Less
D) Lots

**20** **The bus was completely … There was nobody on it.**

**A)** full
**B)** busy
**C)** free
**D)** empty

**21** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** to agree | **1)** no longer have; have taken away from one by accident, carelessness etc |
| **B)** to gain | **2)** the action of exiting |
| **C)** to lose | **3)** to gain the victory in a contest; succeed |
| **D)** to win | **4)** to have the same opinion about something |
| | **5)** to obtain something wanted or needed |

**22** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** fate | **1)** something that happens without a cause that can be seen at once |
| **B)** event | **2)** great or sudden misfortune; terrible accident. |
| **C)** accident | **3)** chance looked upon as a power deciding or influencing somebody or something |
| **D)** fortune | **4)** fact of a thing happening |
| | **5)** power looked upon as controlling all events in a way that cannot be resisted. |

**23** **Match the sentences in Column A with their continuations in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** The brain is more active at night | **1)** than women. |
| **B)** Fingernails grow nearly four times faster | **2)** one weak eye. |
| **C)** Men burn fat faster | **3)** than toenails. |
| **D)** Everybody has one strong eye and | **4)** than during the day. |
| | **5)** yourself with your hands. |

**24** **Match the sentences in Column A with the replies in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** What symptoms do you have? | **1)** It´s a terrible headache. |
| **B)** I think you should go and see the doctor. | **2)** I have a sore throat, a running nose and a temperature. |
| **C)** What´s wrong with you, Olim? | **3)** I think two or three days, I don´t know exactly. |
| **D)** Yow many days are you ill? | **4)** I think I have got a cold. |
| | **5)** Yes, you are right. I´ll make an appointment with the doctor tomorrow. |

**25** **Match the words in Column A with the synonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** trouble | **1)** occasion |
| **B)** event | **2)** fate |
| **C)** sorrow | **3)** gladness |
| **D)** fortune | **4)** worry |
| | **5)** sadness |

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 1 – 8.**

**Der Adler und die Schildkröte**

Eine Schildkröte bat einen Adler, ihr Unterricht im Fliegen zu geben. Der Adler suchte es ihr auszureden, aber je mehr er sich bemühte, ihr das Törichte ihres Wunsches klarzumachen, desto mehr beharrte sie darauf.

Ihrer dringenden Bitten müde, nahm der Adler sie endlich in die Luft und ließ sie ungefähr turmhoch herabstürzen: zerschmettert lag sie auf der Erde und musste so ihre Torheit büßen.

**1** **Worum bat eine Schildkröte einen Adler?**

**A)** um Ausreden zu finden
**B)** um ein Nestchen zu bauen
**C)** um Flugunterricht
**D)** um keine dringende Bitte

**2** **Welche Charaktereigenschaft hat die Schildkröte?**

**A)** Sturheit
**B)** Ordentlichkeit
**C)** Schlauheit
**D)** Weitsichtigkeit

**3** **Der Adler versuchte … des Wunsches der Schildkröte klarzumachen.**

**A)** das Sinnvolle
**B)** das Geniale
**C)** das Unsinnige
**D)** das Intelligente

**4** **Die Schildkröte … auf ihrem Wunsch.**

**A)** schrieb
**B)** bestand
**C)** träumte
**D)** las

**5** **Der Adler war von den dringenden Bitten der Schildkröte … .**

**A)** fröhlich
**B)** froh
**C)** erschöpft
**D)** glücklich

**6** **… nahm der Adler die Schildkröte in die Luft.**

**A)** Schließlich
**B)** Niemals
**C)** Auf keinen Fall
**D)** Nie

**7** **Die Schildkröte war am Ende … .**

**A)** müde
**B)** glücklich
**C)** tot
**D)** hungrig

**8** **Worum geht es in diesem Text?**

**A)** um die Schönheit der Natur
**B)** um einen Fallschirmsprung
**C)** um einen realistischen Wunsch der Schildkröte
**D)** um einen unrealistischen Wunsch der Schildkröte

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 9 – 16.**

**Hast du einen echten Freund?**

Das Wort „der Freund“ bedeutet guter, lieber, treuer, wahrer Kamerad. Das __**9**__ man nicht vergessen. Es ist gut, viele Freunde zu haben. Aber __**10**__ Freunde sollen echt sein. Hast du __**11**__ echten Freund? Echte Freunde sind immer treu und hilfsbereit. Wenn einer in der Not ist, leistet der andere ihm Hilfe. Wenn dein Mitschüler die Aufgabe nicht versteht, erkläre ihm die Aufgabe.

Die __**12**__ Schüler haben gute Freunde nicht nur __**13**__ ihrer Klasse, sondern auch in ihrer Schule. Viele Schüler stehen mit den Schulkindern aus anderen Städten im Briefwechsel. In __**14**__ Schule gibt es auch Schüler, die deutsche Schüler als Brieffreunde haben. __**15**__ schreiben einander über die Schulzeit, über Land und Leute. So entwickeln und festigen die __**16**__ ihre freundschaftlichen Beziehungen.

(Saifullojew Ch. Deutsch 8)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | **A)** durftest | **B)** darf | **C)** darfst | **D)** dürfen |
| 10 | **A)** des | **B)** das | **C)** der | **D)** die |
| 11 | **A)** einen | **B)** eines | **C)** eine | **D)** einer |
| 12 | **A)** fleißiger | **B)** fleißigen | **C)** fleißigem | **D)** fleißiges |
| 13 | **A)** beim | **B)** ins | **C)** aufs | **D)** in |
| 14 | **A)** jedes | **B)** jede | **C)** jedem | **D)** jeder |
| 15 | **A)** Er | **B)** Ich | **C)** Du | **D)** Sie |
| 16 | **A)** Schulkindes | **B)** Schulkind | **C)** Schulkinder | **D)** Schulkinds |

**17** **Der Sohn von meiner Schwester ist mein … .**

**A)** Neffe
**B)** Onkel
**C)** Nichte
**D)** Opa

**18** **Ich brauche …, deshalb gehe ich zur Post.**

**A)** Gemüse
**B)** Postkarten
**C)** Fleisch
**D)** Brot

**19** **Die Kürbisse, die an einem sonnigen Standort wachsen, … lecker.**

**A)** schmecken
**B)** schmeckst
**C)** schmeckt
**D)** schmecktest

**20** **Heute fahren … zu ihrem Opa zu Besuch.**

**A)** du
**B)** ihr
**C)** ich
**D)** sie

**21** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

**A)** Fuß
**B)** Faust
**C)** Darm
**D)** Auge

**1)** wichtigster Teil des Verdauungstraktes
**2)** Haare im Bereich des Kopfes
**3)** Sinnesorgan zur Wahrnehmung von Lichtreizen
**4)** unterster Teil des Beines
**5)** fest geschlossene Hand

**22** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

**A)** Wie findest du die Tante Anne?
**B)** Wie findest du die Bücher?
**C)** Wie findest du das Sofa?
**D)** Wie findest du den Schrank?

**1)** Ich finde es bequem.
**2)** Ich finde ihn barmherzig.
**3)** Ich finde ihn modern.
**4)** Ich finde sie lesenswert.
**5)** Ich finde sie gutherzig.

**23** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

**A)** Wer arbeitet bei dir zu Hause?
**B)** Wem gehört das Geld hier?
**C)** Hast du eine neue Arbeit gefunden?
**D)** Wie lange musst du noch hier bleiben?

**1)** Nein, noch nicht.
**2)** Bis zum Morgengrauen.
**3)** Natürlich mir.
**4)** Meine Mutter.
**5)** Mein Zimmer.

**24** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

**A)** Der Tisch,
**B)** Die Tasche,
**C)** Das Lied,
**D)** Die Bücher,

**1)** des Freundes, sind gute Geschäftsmänner.
**2)** den mein Mann letzte Woche gekauft hat, war sehr teuer.
**3)** die ich lese, sind sehr interessant.
**4)** das er singt, gefällt mir sehr.
**5)** die meine Freundin hat, ist nicht schön.

**25** **Was passt? Finden Sie Wörter mit ähnlicher oder gleicher Bedeutung.**

**A)** Kaufmann
**B)** Ahn
**C)** Lyriker
**D)** Maler

**1)** Vorfahre
**2)** Kunstmaler
**3)** Seeräuber
**4)** Händler
**5)** Poet

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 1-8.**

**Chômage**

André est chômeur depuis trois mois. Avant, il ne savait pas ce que cela voulait dire: chômage.

C'est aujourd'hui lundi, il est huit heures du soir. On a dit qu'il avait une place de libre à l'usine H. Il va y aller demain, mais sans espoir. Depuis trois mois André court d'une maison à l'autre et il ne trouve rien.

Mardi il va à l'usine H. Il prend le premier métro. Il arrive par voir déjà une quinzaine de types avec leurs vélos posés le long du mur. Après deux heures d'attente tout le monde part: la place est déjà prise.

Mercredi, à sept heures, André se réveille. Il fait froid dans la rue, ici aussi.

A neuf heures, il se lève, il passe son pull-over trouvé et il descend dans la cour.

A onze heures, André va se promener. Il ne cherche pas de travail. Il en a tellement cherché que ses pieds lui font mal. Il va vers le petit café voisin. Là, il y a beaucoup de camarades et son ami Henri. Ils discutent autour d'une des tables rondes, il y fait chaud. Mais l'on les chasse bientôt.

**1** **Depuis combien de temps André est chômeur?**

**A)** depuis 2 mois
**B)** depuis 6 mois
**C)** depuis 3 mois
**D)** depuis 4 mois

**2** **Quand a-t-on dit qu'il avait une place de libre à l'usine H?**

**A)** Lundi soir.
**B)** Demain soir.
**C)** Mardi.
**D)** Mercredi.

**3** **Mardi pour aller à l'usine H. André ... .**

**A)** prend le dernier métro
**B)** prend le train
**C)** prend le premier métro
**D)** prend l'autobus

**4** **Tout le monde part ... .**

**A)** après deux jours d'attente
**B)** après deux heures d'attente
**C)** après trois jours d'attente
**D)** après trois heures d'attente

**5** **Mercredi, à sept heures dans la rue ... .**

**A)** il pleut
**B)** il fait chaud
**C)** il fait froid
**D)** il neige

**6** **Qui est André?**

A) Il est chômeur.
B) Il est ouvrier.
C) Il est chauffeur.
D) Il est acteur.

**7** **Pourquoi il ne cherche plus de travail? Parce ... .**

A) qu'il fait froid dans la rue
B) qu'il a trouvé un travail
C) que ses pieds lui font mal
D) qu'il se réveille trop tard

**8** **De quoi s'agit-il dans ce texte?**

A) D'une place de libre.
B) Du temps froid.
C) Du travail.
D) Du chômage.

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 9-16.**
**Mélanie**

Je __**9**__ Mélanie Sorelle. J'ai 20 ans et je suis venue de la Suisse. Ma ville __**10**__ est Berne. À présent j'habite et j'étudie __**11**__ Passaou. __**12**__ ne suis pas mariée. Je m'intéresse à la musique, au chant et à la cuisson.

J'__**13**__ un frère. Il s'appelle Tom. Tom a 24 ans et à présent il habite à l'Angleterre, dans une __**14**__ ville. Il parle 3 langues __**15**__: la langue anglaise, la langue française et la langue italienne. Mon frère est étudiant. Il étudie la pédagogie à Londres. Il finira bientôt ses études et revient à Berne, __**16**__ nos parents.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) appelles | B) m'appelle | C) appelle | D) s'appelle |
| 10 | A) natales | B) natals | C) natal | D) natale |
| 11 | A) à | B) de | C) sur | D) au |
| 12 | A) Elle | B) Je | C) Tu | D) Il |
| 13 | A) as | B) es | C) a | D) ai |
| 14 | A) beau | B) bel | C) belles | D) belle |
| 15 | A) étrangère | B) étrangers | C) étranger | D) étrangères |
| 16 | A) sur | B) dans | C) chez | D) près de |

**17** **Chaque dimanche Nazira et sa sœur ... chez leur grand-mère.**

A) allaient
B) allais
C) allait
D) allions

**18** **Nous avons attendu ... amis dans la cour.**

A) notre
B) nos
C) mes
D) mon

**19** **Ce film était très ... .**

**A)** inttéressant
**B)** inttéressants
**C)** inttéressante
**D)** inttéressantes

**20** **... le plancher il y a un tapis bleu.**

**A)** Dans
**B)** De
**C)** A
**D)** Sur

**21** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Il prépare le petit déjeuner.
**B)** Elle ne va pas à l'école.
**C)** Il déjeune à douze heures.
**D)** Elle prépare le dîner.

**1)** C'est le midi.
**2)** C'est le printemps.
**3)** C'est l'après-midi.
**4)** C'est le matin.
**5)** C'est le dimanche.

**22** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Zarina veut jouer
**B)** Kamol veut acheter
**C)** Aziza veut rester
**D)** Alicher veut nager

**1)** chez sa mère.
**2)** de nouvelle.
**3)** dans la mer.
**4)** une nouvelle auto.
**5)** du piano.

**23** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Excusez-moi. Y a-t-il un supermarché ici?
**B)** Comment dois-je y aller ?
**C)** Est-il loin ?
**D)** Merci beaucoup.

**1)** Non, bien sûr.
**2)** De rien.
**3)** Prenez la gauche et puis tournez à droit.
**4)** Oui, il y a un supermarché ici.
**5)** Oui, il y a une banque.

**24** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Où se trouve
**B)** De quelle couleur est
**C)** Qu'est-ce qu'il y a
**D)** Elle est belle,

**1)** de l'école ?
**2)** l'école № 55 ?
**3)** n'est-ce pas ?
**4)** sur la table ?
**5)** ce crayon ?

**25** **Associez les antonymes de deux colonnes.**

**A)** petit
**B)** bon
**C)** haut
**D)** jeune

**1)** mauvais
**2)** vieux
**3)** large
**4)** grand
**5)** bas

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 8-1.**

## شِقَّةُ أحْمَدَ وَ حُسَيْن

أحْمَد وَ حُسَيْن صَدِيقَانِ حَسَنَانِ. وَ كَذلِكَ هُمَا تِلْمِيذانِ نَشِيطانِ وَ يَتَعَلَّمَانِ فِي المَدْرَسَةِ المُتَوَسِّطَةِ فِي الصَّفِّ العَاشِرِ بِنَجاحٍ.

أحْمَدُ يَسْكُنُ فِي شِقَّةٍ جَمِيلَةٍ. الشِّقَّةُ فِي حَيِّ المَطارِ وَ هِيَ تَقَعُ فِي الطَّابِقِ الثَّالِث. فِي الشِّقَّةِ خَمْسُ غُرَفٍ. فِي غُرْفَةِ النَّوْمِ سَرِيرَانِ كَبِيرَانِ. وَ فِي غُرْفَةِ الجُلُوسِ أرِيكَةٌ و مَقَاعِدُ. فِي المَطْبَخِ فُرْنٌ كَهْرَبَائِيٌّ و فِي الحَمَّامِ سَخَّانُ مَاءٍ وَ مِرْآةٌ.

وَ أمَّا حُسَيْنُ فَهُوَ يَسْكُنُ فِي بَيْتٍ جَمِيلٍ في طَرَفِ المَدِينَةِ. البَيْتُ يُحِيطُ بِهِ سُورٌ مُرْتَفِعٌ وَ أمامَ البَيْتِ حَدِيقَةٌ واسِعَةٌ. يَخْرُجُ حُسَيْن فِي الصَّيْفِ إلَىَ الحَدِيقَةِ وَ يَجْلِسُ مَعَ أُسْرَتِهِ تَحْتَ ظِلِّ الأشْجارِ وَ الأطْفالُ يَلْعَبُونَ حَوْلَهُمْ وَ يَتَنَفَّسُونَ هَواءً نَقِياً.

---

**1** **أحْمَد وَ حُسَيْن ... .**

A) أَخَانِ

B) رَجُلانِ

C) رَفِيقانِ

D) أقْرَبانِ

---

**2** **فِي أيِّ صَفٍّ يَتَعَلَّمَانِ؟**

A) ١٠

B) ١٢

C) ٩

D) ١١

---

**3** **اينَ تَقَعُ شِقَّةُ أحْمَد؟**

A) قُرْبَ الحَدِيقَةِ

B) قُرْبَ المَدْرَسَةِ

C) فِي حَيِّ المَطارِ

D) فِي طَرَفِ المَدِينَةِ

**4** **شِقَّةُ أحْمَد تَتَكَوَّنُ مِن ... .**

A) ٧ غُرَفٍ

B) ٥ غُرَفٍ

C) ٤ غُرَفٍ

D) ٣ غُرَفٍ

**5** **ايْنَ وَاقِعٌ شِقَّةُ حُسَيْن؟**

A) فِي المَدْرَسَةِ المُتَوَسِّطَةِ

B) قُرْبَ الحَدِيقَةِ

C) فِي طَرَفِ المَدِينَةِ

D) بَعِيداً عَن المَدِينَةِ

**6** **ماذا يُوجَدُ أمامَ بَيْتِ حُسَيْن؟**

A) الحَدِيقَةُ

B) المَدْرَسَةُ

C) المَطارُ

D) الحَمَّامُ

**7** **ماذا يُوجَدُ أمامَ بَيْتِ حُسَيْن؟**

A) أشْجَارٌ مُرْتَفِعَةٌ

B) أوْرَادٌ جَمِيلَةٌ

C) سُورٌ مُرْتَفِعٌ

D) جَبَلٌ مُرْتَفِعٌ

**8** **عَمَّ يَتَحَدَّثُ فِى النَّصِّ؟**

A) عَنِ الجَارَيْنِ

B) عَنِ الرَّجُلَيْنِ

C) عَنِ الأَخَيْنِ

D) عَنْ الصَّدِيقَيْنِ

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 9-16.**

**الحوار بين الأب وأبنائه**

الأب: متى ولد وتوفي الإمام الأعظم وماذا __**9**__عن مؤلفاته الرئيسية؟

الأبناء: ولد نعمان بن ثابت منذ ١٣١٠ __**10**__في مدينة الكوفة وكتابه الشهير "الفقه الأكبر".

الأب: الحمد لله. أحسنتم يا أبنائي. هل سمعتم أيضا __**11**__؟

الأبناء: نعم، استمعنا محاضرة رئيس الجمهورية المكرسة __**12**__ألقاها بذكرى ١٣١٠ في مؤتمر أقيم يوم ٢٦ __**13**__شهر فبرائر سنة ٢٠٠٩ في "كاخ الوحدة" بمدينة دوسنبه.

الأب: الإمام الأعظم __**14**__من دمنا وقومنا وملتنا ومذهبنا ويجب علينا جميعا كما أكّد رئيس الجمهورية إمام علي رحمان أن __**15**__ونعرف عن حياته ومؤلفاته __**16**__مِمَّا نَحْنُ فيه.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) نَعْرِفُ | B) تَعْرِفُ | C) أَعْرِفُ | D) يَعْرِفُ |
| 10 | A) عامٌ | B) عامْ | C) عامٍ | D) عاما |
| 11 | A) عنه | B) عنها | C) عنهما | D) عنهم |
| 12 | A) الذينَ | B) الذي | C) اللواتي | D) التي |
| 13 | A) مَنْ | B) إلي | C) في | D) مِنْ |
| 14 | A) هنَّ | B) هم | C) هي | D) هو |
| 15 | A) يَتَعَلَّمَ | B) تَتَعَلَّمَ | C) أَتَعَلَّمَ | D) نَتَعَلَّمَ |
| 16 | A) كَثيرَةٌ | B) أَكْثَرَيْنِ | C) أكثر | D) أكثران |

**17** **اِخْتَرِ اسْمَ الْإِشارَةِ:**

A) هَذان
B) هُنَّ
C) أَنْتما
D) اَللَّتان

**18** **مَنْ يَنْجَحْ فِي الْاِمْتِحانِ؟**

A) الطالبُ أَلْكَسْلانُ
B) الطالبُ أَلْمُجْتَهِدُ
C) الطالبُ أَلْغَبِيُّ
D) الطالبُ أَلْجاهِلُ

**19** **اِخْتَرِ الْمُثَنَّى فِيْما يَلِي:**

A) كاذِبانِ

B) كِذْبَةٌ

C) كِذْبٌ

D) كاذِبونَ

**20** **كَمْ يَوْماً فِي الأَسْبوعِ؟**

A) ثَلاثَةُ أيَّامٍ

B) تِسْعَةُ أيَّامٍ

C) خَمْسَةُ أيَّامٍ

D) سَبْعَةُ أَيّامٍ

**21** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| A) أنْتُمْ | 1) رَفَعْتِ |
| B) أَنْتَ | 2) رَفَعَ |
| C) أَنْتِ | 3) رَفَعْتُنَّ |
| D) أَنْتُنَّ | 4) رَفَعْتُمْ |
| | 5) رَفَعْتَ |

**22** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| A) طالِبَتانِ، تِلْميذَتانِ | 1) الْجَمْعُ السَّالِمُ |
| B) طُلَّابٌ، مَحافِظَ | 2) الْمُفْرَدِ |
| C) مُعَلِّمونَ، مُحافِظُونُ | 3) الجَمْعُ الْمُثَنَّي لِلْمُذَكَّرِ |
| D) حَديثانِ، سامِعانِ | 4) جَمْعُ التَّكْسيرِ |
| | 5) الجَمْعُ الْمُثَنَّي لِلْمُؤَنَّثِ |

**23** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** مَنْ أَنْتَ؟
**B)** مَنْ أَنْتِ؟
**C)** مَنْ هُما؟
**D)** مَنْ هُمْ؟

**1)** عابِدانِ
**2)** عابِدونَ
**3)** عابِدَةٌ
**4)** عابِدٌ
**5)** عابِدَاتٌ

**24** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** يَتَخَرَّجُ
**B)** مُتَخَرِّجٌ
**C)** تَخَرَّجَ
**D)** تَخَرَّجْ

**1)** إِسْمُ المكانِ
**2)** الْمُضارِعُ
**3)** ألأَمْرُ
**4)** الماضي
**5)** الْفاعِلُ

**25** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** لا تَتَحَدَّثْ
**B)** خَطِيْئَةُالرَّجُلِ الطَّيِّبِ
**C)** الصَّوتُ الْمُرْتَفِعُ
**D)** النَّمِيمَةُ وَالْغَيْبَةُ وَ السَّبابَ

**1)** هي ظَنُّهُ انَّ الجَمِيعَ مِثْلَهُ
**2)** هِيَ صفاتٌ ذَمِيمَةٌ
**3)** هِيَ صِفاتٌ جَمِيلَةٌ
**4)** فِيما لا يَعْنِيكَ
**5)** يُزْعِجُ السَّامِعِينَ